**«Тасдиқ мекунам»**
Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон д.и.и., профессор
__________________Ш. Раҳимзода
«__23__» ________09________соли 2024

# ХУЛОСАИ
## Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ба кори диссертатсионии Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт).

Диссертатсия дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар шуъбаи таҳқиқотҳои минтақавӣ ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович соли таваллудаш 06 январи соли 1989, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар соли 2011 Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ-ро аз рӯйи ихтисоси пулҳо ва нақбҳои нақлиётӣ хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ солҳои 2015-2019 аспиратни шуъбаи ғоибонаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолияти илмӣ намудааст.

Аз соли 2013 то соли 2015 дар вазифаи мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе ва аз 2015 то соли 2016 дар вазифаи муовини декани факултети технологияи иттилоотӣ ва иқтисодиёт фаъолият намуда, айни ҳол омузгори калони кафедраи методикаи таълими истеҳсолӣ ва фанҳои гуманитарӣ дар Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе мебошад.

Мавзуи кори диссертатсионии Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар ҷаласаи Шурои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ аз 26 январи соли 2016, суратҷаласаи №8 тасдиқ гардидааст.

Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои таърихи фалсафаи илм - 4 (хуб), забони хориҷӣ (русӣ) - 4 (хуб), забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) ва идоракунӣ дар системаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ – 5 (аъло) дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аз фанни наразияи иқтисодӣ - 4 (хуб) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва аз рӯи ихтисос бо баҳои 4 (хуб) дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ супоридааст.

Аспирант оид ба мавзуи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Роҳбари илмӣ: Рауфӣ Абдуғаффор– д.и.и., профессор, мудири шуъбаи тадқиқоти инфрасохтории Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ.

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Вазифаи муҳими марҳилаи муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъмини инкишофи устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ иборат мебошад. Иҷрои вазифаи мазкур рушди тамоми соҳаҳои сохтори иқтисодии мамлакатро талаб мекунад, ки инфрасохтори нақлиётӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар нақши муҳимро мебозад.

Ташкили шароити зарурӣ барои тақсимоти баробару оқилона ва фаъолияти инфрасохтори нақлиёт, бартарафсозии монеаҳои мавҷудбудаи он ва дигар бахшҳои иқтисодиёт таҳияи стратегияи идоракунии онро барои давраҳои миёнамӯҳлат ва дарозмуддатро талаб мекунад. Дар марҳилаи муосир, инфрасохтори нақлиётӣ, бо сабаби нокифоягии воситаҳои идоракунии он, мавҷуд будани номутаносибӣ ва нобаробарии ҷойгиркунӣ, инчунин нокифоягии механизми бозории фаъолият дар идоракунии соҳа ҳақиқатан омили боздоштани рушди иқтисодӣ мегардад. Ҳамзамон дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ки ба густариши назарраси муносибатҳои байнидавлатӣ мусоидат мекунад, нақши нақлиёт хеле афзоиш меёбад. Дар чунин шароит инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун ҷузъи муҳими

инфрасохтори умумии ҷамъият дар ҳалли масъалаҳои асосӣ нақши муайян мебозад ва мавзуи интихобгардида мубрам арзёбӣ карда мешавад.

2. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.**

Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

3. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла, ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба технологияҳои инноватсионию рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидааст, робита дорад.

Ҳамчунин, мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ барои солҳои 2016-2019 аз рӯйи мавзуи “Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон” иҷро гардидааст.

**4.Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии илмии назариявӣ-методӣ ва таҳияи роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои ташкилию иқтисодии рушди идоракунии инфрасохтори нақлиётии кишвар иборат аст.

Натиҷаҳои нисбатан воқеии ба сифати навгонӣ пешниҳодшуда дар мавридҳои зерин баён гардиданд:

- асосноккунии илмӣ-назарявии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ, ки ҳамчун инфрасохтори иқтисодиёти мамлакат барои рушди самараноки иқтисодиёт ва иҷтимоиёт кишвар шароитҳои умумии зарурӣ фароҳам меорад, оварда шудааст;

мушахасс карда шудааст, ки низоми идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ, аз як тараф, чун қисмати инфрасохтори хоҷагии халқ ва, аз ҷониби дигар, ҳамчун қисмати ташкилии серсоҳа – комплекси нақлиётӣ баррасӣ мегардад; таркиббандӣ ва гурӯҳбандии таъмини идоракунии самараноки фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ дар асоси таҳқиқи мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ аз рӯи меъёрҳои гуногун ба иҷро расонида шудааст;

- нишон дода шудааст, ки механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ вобаста ба гуногунии шаклҳои моликият дар соҳа хусусиятҳои хосро гирифтаанд ва муносибатҳои бозаргонӣ байни ташкилотҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва мизоҷон бо такя ба принсипҳои бозорӣ ба роҳ монда мешаванд; исбот гардидааст, ки суръати афзоиши корхонаҳои инфрасохтори нақлиётӣ нисбат ба суръати афзоиши корхонаҳои иқтисодӣ пешсафтар аст, то ки баланд гаштани талаботи субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёт ба хизматрасонии инфрасохтори нақлиётӣ барои афзоиши гардиши мол таъмин карда шавад;

- муайян карда шудааст, ки сохта ба истифода дода шудани шоҳроҳҳои автомобилии байналмилалӣ, ки қисме аз онҳо хусусияти байниминтақавӣ низ доранд ва дар кишвар намуди асосии нақлиёт аст, инчунин такмил додани воситаҳои ҳаракаткунандаи нақлиёт омилҳои асосии таъсиркунанда ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ мебошанд; аниқ карда шудааст, ки дар натиҷаи таъсири омилҳо ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ натиҷагирии кори нақлиёт баланд шуда ба динамикаи афзоиши иқтисодиёти кишвар ва рушди натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат шароити зарурӣ фароҳам меоранд;

- муқаррар карда шудааст, ки суръат гирифтани ҳамгирошавии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо низоми ягонаи нақлиёти мамлакат ҷараёни тезонидани кашондани молҳоро дар сохтори иқтисодии кишвар таъмин мекунад; асоснок карда шудааст, ки рақобатпазирии низоми нақлиётӣ, имконияти татбиқи иқтидори транзитӣ ва ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи нақлиёт пурра аз сатҳи идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ вобаста мебошанд;

- асоснок карда шудааст, ки механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ афзалиятҳои стратегии эҷодӣ ва нигаҳдории

рақобатии рушди муассисаҳои нақлиётиро дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ таъмин менамоянд; самтҳои стратегии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ мувофиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди инфрасохтори нақлиётии мамлакат зоҳир карда шудаанд;

- консепсияи шарикии давлатӣ-хусусӣ дар идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии мамлакат ҳамчун механизми ташаккулёфтаи иқтисодиву ташкилии идоракунии ин низом коркард шуда, зарурати истифодаи шарикии давалатӣ-хусусӣ дар соҳаҳои муайяни инфрасохтори нақлиётии мамлакат нишон дода шудаанд: а) шоҳроҳҳои дорои ҳаракти интенсивӣ, ки дар онҳо дар марҳилаи барномавӣ сохтмони роҳҳои автомобилии пулакӣ бо ҳифзи имкони ба он самт бо роҳи автомобилии ройгони истифодаи умум ҳаракат кардан; б) «роҳҳои рушд» - шоҳроҳҳое, ки барои рушди иқтисодиёти минтақаҳо ё бо мақсади аз худ кардани конҳои дурдаст; в) роҳҳои барои васеъсозии ҷойҳои «танг»-и шабакаи роҳҳои сохташаванда пешбинӣ мешаванд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- асосноккунии илмӣ-назарявии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ ва мушахасс кардани низоми идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ:

- зоҳир кардани хусусиятҳои механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ вобаста ба гуногунии шаклҳои моликият дар соҳа;

- муайян кардани таъсири омилҳо ба механизмҳои идоракунии рушди инфарсохтори нақлиётӣ ва таъсири идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба баландшавии натиҷагирии кори нақлиёт ва динамикаи афзоиши иқтисодиёти кишвар;

- муқарраркунии суръатгирии ҳамгирошавии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо низоми ягонаи нақлиёти мамлакат, ки ҷараёни тезонидани кашондани молҳоро дар сохтори иқтисодии кишвар таъмин мекунад;

- асосноккунии таъмин кардани механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ афзалиятҳои стратегии эҷодӣ ва нигаҳдории рақобатии рушди муассисаҳои нақлиётиро дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ;

- коркарди консепсияи шарикии давлатӣ-хусусӣ дар идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии мамлакат ҳамчун механизми ташаккулёфтаи иқтисодиву ташкилии идоракунии ин низом.

**5. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 кори илмӣ, аз он ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

**Мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Раҷабов Р.К., Шодиев Ш.К., **Наҷмуддинов Н.А.** Ҷанбаъҳои назариявии моҳияти иқтисодии инфрасохтори нақлиётии минтақавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – №2/4, 2017. Қисми I. – С.89-94.

[2-М]. Солиев Н.М., **Наҷмуддинов Н.А.** Социально-экономическое развитие горных районов – основа устойчивого развития сельского хозяйства [Текст] // Иқтисодиёти Тоҷикистон Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ. – №4, 2017. – С.198-202.

[3-М]. **Наҷмуддинов Н.А.** Транспортной инфраструктуры Республики Таджикистан, Вопросы кластеризации транспортной инфраструктуры Республики Таджикистан в годы независимости [Текст] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – №2/4 2017, Қисми 2. С.-179-182.

[4-М]. Солиев Н.М., **Наҷмуддинов Н.А.** Рациональное использование земельных ресурсов в горные районы Республики Таджикистан [Текст] // Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, 2018, № 1. – С.162-167.

[5-М]. **Наҷмуддинов Н.А.** Факторы влияющие на кластеризацию объектов транспортной инфраструктуры в условиях Респуплики Таджикистана [Текст] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). 2018, №3. – С.162-165

[6-М]. **Наҷмуддинов Н.А.** Таҳлили динамика ва сохтори рушди инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – №7, 2019. – С.177-181.

[7-М]. **Наҷмуддинов Н.А.** Ҷорӣ кардани методҳои стратегии идораи рушди ифрасохтори нақлиётӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – № 6, 2020. – С.155-160.

[8-М]. **Наҷмуддинов Н.А.** Совершенствование механизмов управления автомобильным инфраструктурным развитием в условиях государственно-частного партнёрства [Текст] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2023, №4. Қисми 1 – С.83-90.

**Дар дигар маҷаллаҳо:**

[9-М]. Маҳмадов Ш.Р., **Наҷмуддинов Н.А.** “Вопросы кластеризации транспортной инфраструктуры РТ” “Перспективы развития науки образования” [Матн], Конференсияи VIII байналмилалии илмӣ-амалии «ДУРНАМОИ РУШДИ ИЛМ ВА МАОРИФ» бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (3-4 ноябри соли 2016). – С.373-376.

[10-М]. **Наҷмуддинов Н.А.** Рушди соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷанбаъҳои консептуалӣ ва асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2022. – С. 121-128.

**6. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷараёни лоиҳаҳои илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти идоракунии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ истифода бурд.

**7. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ метавон истифода бурд, зоҳир мегардад.

Шуъбаи тадқиқоти инфрасохтории Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пас аз муҳокимаи диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт), шунидани тақризи роҳбари илмӣ –д.и.и., профессор Рауфӣ А., баромади номзадҳои илмҳои иқтисодӣ, ходимони пешбари илмии шуъба Бобозода К.О., Обидов К.Р., Махкамов Б.Б., Шодиев Ҷ.Р. ва Рауфӣ Ф.А., баромади аъзоёни даъватшудаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015, маҷлиси шуъбаи тадқиқоти инфрасохтории Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва

хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович,

**қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 -Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи тадқиқоти инфрасохтории Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 19-уми сентябри соли 2024, суратҷаласаи №3 бо иштироки 14 нафар кормандони институт гузаронида шудааст. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор - 14 нафар, Зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Ходими пешбари илмии
Институти иқтисодиёт ва
демографияи АМИТ н.и.и. **Махкамов Б.Б.**

**Котиби ҷаласа:**
Ходими пешбари илмии
Институти иқтисодиёт ва
демографияи АМИТ н.и.и. **Шодиев Ҷ.Р.**

*Имзоҳои А. А. Шералиев ва Ҷ.П.Мирзоева-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва
демографияи АМИТ **Зиёева М.С.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44. Телефон: +992(37) 227-67-50. E-mail:ied.tj